ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ - педагогии инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд мавриди ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.6. - Педагогикаи махсус пешниҳод гардидааст

Дар автореферат мақсад, вазифа, навгонии таҳқиқот ва фарзия ба мавзуи баррасӣ гардида, мувофиқат менамояд. Лозим ба зикр аст, ки муҳаққиқ ибрози ақида менамояд, ки дар шароити имрӯза таълими касбии хонандагони имконияташон маҳдуддошта тавассути рушди неруи зеҳнӣ ва истеъдод пайваста такмил дода мешаванд. Унсури асосии сармояи хонандагони имконияташон маҳдуд иқтидори таълимӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҷомеае, ки чунин ҳадаф гузоштааст, аз тариқи низоми маориф барои ба ин ҳадаф сайд мекунад. Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар ин самт, дар назди соҳаи маориф ва илми кишвар вазифаҳои муҳим гузошта шуда аст.

Яке аз вазифаҳои афзалиятноки низоми муосири маориф таҳияи равишҳои муассир барои муайян кардан, арзёбӣ ва рушди иқтидори эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд мебошад. Дар ин самт, махсусан омода кардани чунин хонандагон барои ҳаёти мустақил ва пурмазмун, инкишоф додани дониш, малака, қобилиятҳои зарурӣ ва эътимод ба худ муҳим аст. Аз ин рӯ, муҳимтарин вазифаи соҳаи маориф фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди қобилиятҳои фардии ҳар як хонанда, новобаста аз маҳдудиятҳои онҳо мебошад.

Рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагони на танҳо аҳамияти педагогӣ, балки аҳамияти иҷтимоии назаррас дорад. Ҷалби онҳо ба фаъолиятҳои гуногуни эҷодӣ ва амалӣ ташаббускорӣ, масъулият, малакаҳои муошират ва хоҳиши худшиносиро инкишоф медиҳад. Маҳз тавассути кори эҷодӣ хонандагон имкони нишон додани қобилиятҳои худро, ба даст овардани таҷрибаҳои мусбати ҳаётӣ ва эҳсоси аҳамияти худро дар ҷомеа ба даст меоранд.

Ҳамин тариқ, фароҳам овардани шароит барои рушди ҳамаҷонибаи хонандагон яке аз нишондиҳандаҳои асосии башардӯстонаи маорифи муосир мебошад. Дастгирии фаъолияти эҷодии онҳо ва рушди мунтазами иқтидори фардии онҳо на танҳо ба иҷтимоикунонии

муваффақонаи худи хонандагон, балки ба ташаккули ҷомеаи масъулиятшиноси иҷтимоӣ, башардӯстона ва пешрафта мусоидат мекунад.

Инчунин исбот гардидааст, ки хонандагони имконияташон маҳдуд мустақилона ба ҷомеа мутобиқ шуда наметавонанд, онҳо ҳамеша на танҳо ба кӯмаки аҳли хонавода, балки ба дастгирии оммаи васеи ҷомеа низ ниёз доранд. Бо таъсири баъзе омилҳо хонандагони имконияташон маҳдуд, аз барқарорсозию нигоҳдории робитаю муошират бо дигарон маҳрум мешаванд аз ва ҳамсолон дур мемонанд, ки ин аз таҷрибаи кофӣ надоштани онҳо вобастагӣ дорад. Бо назардошти ҷанбаҳои тафриқавии маҳорати онҳо дар ин самт аз ҳамсолонашон мебояд усулҳои фаъоли эҷодиро баҳри бартарафсозии ин ҳолатҳо низ дар раванди ташкили корҳои эҷодӣ истифода бурд. Таъмини шароитҳои мусоиду ҳавасмандкунанда барои хонандагони имконияташон маҳдуд, барои иштирок дар маҳфилҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ муҳим буда, ин барои даст овардани маҳорату малака ва ҳавасмандӣ ба фаъолиятҳои гуногун хизмат мекунад.

Муҳаққиқ дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот аз асоснокии методологияи таҳқиқот, истифодаи маҷмуи иштирок дар таҳсилоти иловагӣ, бо ҳам алоқаманди муосири таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуи он мақсад ва вазифаҳои он мувофиқанд, хусусияти мураккаби кори таҷрибавӣ, таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ ва коркарди статистикии маълумоти гирифташуда, хонандагони имконияташон маҳдуде, ки дар озмоиш иштирок мекунанд, иборат медонад.

Муҳаққиқ тасдиқ мекунад, ки дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ хонандагон ҳуқуқи баробари гирифтани маълумотро бо хонандагони солим дошта, ҳамчун шахсиятҳои эҷодкор ва соҳибихтиёр эътироф карда шуда, ба камол мерасанд. Ин аст, ки дар баробари ташкили мунтазами раванди таълим дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба пешбурди раванди таълими касбӣ аҳаммияти хос дода мешавад. Дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ба ғайр аз фаҳмонда додани маводҳои таълимӣ ба назди муаллим вазифа гузошта мешавад, ки дар ҷараёни таҳсилоти иловагӣ ҳамҷун роҳбари маҳфил вазифаи худро давом дода, қобилияти эҷодии хонандагонро инкишоф диҳад, онҳоро дар руҳияи поквиҷдонӣ, меҳрубонӣ накӯкорӣ, ғамхорию дилсӯзӣ нисбат ба калонсолон, омодашавӣ ба ҳаёти мустақил, худхизматрасонӣ тарбия намояд, ки ин барои хонандагони имконияташон маҳдуд беҳтарин мукофот дар ҳаёти онҳо ҳисобида мешавад.

Мақолаҳои илмӣ, ки аз тарафи муҳаққиқ барои чоп ирсол гардидааст, ба мавзуи таҳқиқот ва мақсади он мувофиқат менамояд ва маҳс қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд баррасӣ гардидааст. Инчунин китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ бештар барои хонандагони имконияташон маҳдуд рӯйи қалам оварда шудааст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муҳаққиқ нисбат ба мавзуи марбут масъалаҳои зиёдро дар фишурдаи автореферат ҳаллу фасл намудааст.

Хулоса, вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус пурра мувофиқат мекунад:

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, профессори кафедраи
алгебра ва геометрияи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Сатторов Абдурасул Эшбекович

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар,
кӯчаи Айнӣ 67,
Телефон: (+992) 987 67 57 73
E-mail: asattorov50@mail.ru

Имзои д.и.п., профессор Сатторов А.Э.-ро
тасдиқ мекунам.
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.

Суроғаи муассиса: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар,
кӯчаи Айнӣ 67,
Телефон: ((+992-83222) 2-54-81)
E-mail: bgu-1978@mail.ru
«26» 10 соли 2026